# Мавзӯъ: Италия дар асрҳои XVI ва нимаи авали асри XVII

Нақша:

1. Вазъи сиёсии мамлакат дар асрҳои XVI – XVII
2. Ҳайёти иқтисодӣ ва иҷтимоӣ
3. Илм ва маданияти Италия дар асрҳои XVI ва XVII

Адабиёт:

1. История средних веков (Раннее новое время) под. ред. С.П. Карпова М., 2003.
2. История Средних веков. том 2. М.,1966.
3.Всемирная история под ред. М.М. Смирина томиV. М.,1956. – саҳ– 104
4.История средних веков (Раннее новое время) под. ред. С.П. Карпова М., 2003.

Италия дар нимҷазираи Апеннин ҷойгир буда дар асрҳои XVI –XVII яке аз мамлакатҳои қафомонда, аз ҷиҳати сиёсӣ пароканда ва дар ҳолати полисентри қарор гирифта буд. Дар ҳамсарҳадии он аз ҷониби шимолу ғарбӣ гертсогии Савойя, дар соҳилҳои гулугоҳи Генуяа ҷумҳурии Генуя, дар шимолу шарқии он дар соҳилҳои баҳри Адриатик Венетсия, дар даштҳои ломбард байни роҳи тиҷоратии мамлакатҳои Европаи марказӣ ва Италия шаҳри бузурги тиҷоратӣ ва саноатӣ дода буд Милан ва дар маркази ин нимҷазира қаламрави Папаи Рим мавҷуд буд. Хулоса дар асрҳои номбурда дар дар ин ҳудуд даҳо шоҳигариҳои хурду бузурги мустақилу ниммустақил арзи ҳастӣ намуданд, ки бузургтарини онҳо Флоренсия, Милан, Венетсия (ки қисми зиёди Тосканияро низ дар ихтиёраш дошт), шоҳигарии Неополитан, ки сулолаҳои аргон аз авлоди испони ҳукм меронданд ва мулкҳои мутеъи папаи Рим ҳисоб меёфтанд.

Бояд қайд намуд, ки то нимаи асри XIII шоҳигарии Неополитан ба ҳайати шоҳигарии сулолаи Анжуй дохил гардида соли 1442 дар натиҷаи мунокишаҳои байни худи гертсогҳои ҳамсоя барои соҳиб гардидани ин минтақа дар даҳсолаҳои минбаъда ба ҳайати хонадони Аргонҳо дохил гардид. Соли 1494 кароли Неапол Ферранте I Аргонӣ вафот намуда тоҷу

тахти ӯ бесоҳиб монд. Аз ин парокандагии мамлакат истифода намуда баҳори соли 1494 кароли Фаронса Карли IV бо баҳонаи баргардонидани «мероси анжуйҳо» ҳуҷумҳои ҳарбии худро ба ҳудуди Италия оғоз намуд, ки боиси муборизаҳои минбаъда дар тамоми нимҷазираи Апеннин гашт. Дар арафаи ҳуҷумҳои давлатҳои хориҷа дар ин минтақа шоҳигариҳои гуногун мавҷудият карда барои соҳиб гардидан ба заминҳои ҳамдигар доимо мубориза мебурданд ва дар ҳолате ки душман ба хоки Италия дохил гардида онро ба хок яксон мекард, онҳо мутаҳид нагардида баръакс муборизаҳои байнихудиро боз мустаҳкамтар месохтанд. Ин вазъият боиси афзалияти қушунҳои Фаронса гардида онҳо беягон муқовимат нисфи ҳудудҳои Италияро фатҳ намуда ба шоҳигарии Неапол наздик омаданд. Тобистони соли 1495 бошад дар натиҷаи ҷангҳои пуршиддати аҳолӣ ва қӯшунҳои Фаронса Неапол забт гардида, шаҳр ба харобазор табдил ёфт. Тамоми бойгарии аҳолӣ аз ҷониби қушуни Фаронса ба яғмо бурда шуда аҳолии маҳаллӣ қатл ва ба асирӣ гирифтор гардиданд. Ҳатто духтарон ва занони соҳибҷамоли ин минтақа барои рӯзгузаронии қӯшун истифода карда мешуданд[1].

Аҳолии Италия, ки аз зулму асорат ва муборизаҳои нобаанҷоми байниҳамдигарии шоҳигариҳои ҷудогонаи ин минтақа ва ҳатто мардуми Испониё ба дод омада будаанд, дар симои корол Карли VIII одами озодкунанда аз бедодгариҳои дуҷониба дида ӯро пешвоз мегирифтанд ва барои ғолибияти ӯ шароит фароҳам меоварданд. Аммо ин андешаи онҳо хом баромад. Пас аз забт гардидани Италия аҳволи оммаи халқ беҳтар не баръакс бадтар мешуд, ки минбаъд боиси ба амал омадани шуришҳои халқи бар зидди истилогарн гардид. Бо мақсади мубориза бар зидди мутлақият ва бетартибиҳои мардуми Фаронса дар ҳудуди Италия соли 1495 императори Олмон Максимилан I , короли шоҳи Испания ва сардори ҷумҳурии Венетсия коалитсияи зидди Фаронсаро ташкил намуданд. Баъдтар бошад ба коалитсияи онҳо гертсогии Миллан Людовико Моро низ ҳамроҳ гардида он

номи «Иттифоқи самимӣ» – ро соҳиб гардид. Мақсади асосии иттифоқи мазкур аз ҳудуди Италия берун намудани қушуни Фаронса бо сардории Карли VIII ва барҳам додани бедодгариҳои онҳо дар нимҷазираи Апеннин ба ҳисоб мерафт. Тирамоҳи соли 1495 байни қӯшунҳои иттификчиён ва короли Фаронса задухӯрди шадид ба амал омад, дар натиҷа қушуни Карл VIII шикаст хурда ҳудуди Италияро тарк намуд. То нимаи аввали соли 1496 тамоми қушуни Фаронса пурра аз ҳудуди Италия берун бароварда шуд.

Пас аз баромадани қӯшуни Фаронса аз ҳудуди Италия дар ин минтақа муборизаҳои байнихудии гуруҳҳои ҷудогона барои соҳиб гардидани ҳокимият ба амал омад, ки боиси вайрон гардидани вазъи сиёсии нимҷазираи Апеннин дар он давра гардид. Дар ин вазъият мамлакатҳои коалитсияи зидди Фаронса ҳам манфиятдор буда чораҳои зарурӣ меандешиданд. Бо мақсади ба вуҷуд овардани иттифоқчии бузург ва истифодаи он дар муборизаҳои минбаъда бар зидди дигар шоҳигариҳо, махсусан Милан ва Венетсия бо Фаронса созишнома имзо намуданд, баъдтар ба ин сулҳ Папаи Рим Александри VI Борҷа низ ҳамроҳ гардид, мақсади ниҳоии худро дошт.

Дар ҳолате ки Италия дар вазъхияти вазнини мунокишаи байнихудӣ ва зулму асорати ду тарафаи ҳокимону амалдорон қарор гирифта буд, короли Фаронса Людовики XII тохтутозҳои навбатии худро ба нимҷазираи Апеннин вусъат дода дар муддати кӯтоҳ Милан ва Ломбардияро ба даст овард. Сабаби асосии ҳуҷумҳои минбаъдаи қушуни Фаронса ба ин минтақа эътироз ва даъвои вориси тахти империяи Фаронса Карли VIII, Людовики XII барои тоҷу тахти Италия буд. Дар рафти забткориҳои навбатии қушунҳои Фаронса дар ҳудуди Италия боз қатлу ғорат, нобуд сохтани хонаҳои истиқоматӣ ва бедодгариҳои дигари ҳамсони инҳо ба назар мерасиданд, ки боиси сар задани ҳаракатҳои халқӣ дар ин минтақа мегаштанд.

Пас аз шикасти Людовик Моро император дар мамлакат тартиботи нав ҷорӣ намуд. Соли 1500 бо мақсади мустаҳкам намудани ҳокимияти давлатӣ ва васеъ намудани давлатдории худ Людовик XII бо ҳукумати Испания дар хусуси тақсим намудани шоҳигарии Неополитен созишномаро имзо намуд ва

то соли 1502 онро пурра ба даст овард. Баъди чанд вақт бо дахолати Испания қӯшуни Фаронса аз ҳудуди Италия пурра берун гардида соли 1504 байни онҳо шартномаи сулҳи сесола имзо гардид, ки он боиси барҳам хӯрдани шоҳигариҳои Милану Митрополитен ва дар давраҳои оянда боиси дахолати Испания ба ҳаёти сиёсии онҳо гардид. Ин шартномаи онҳо фақат манфиатҳои синфи ҳукмронро ҳимоя менамуд. Оммаи меҳнаткаш акнун дар зери зулми ду тарафа: амалдорони шоҳигарии маҳаллӣ аз як тараф ва истилогарони мамлакатҳои хориҷии Фаронса, Германия ва Испания аз тарафи дигар қарор гирифтанд. Қобили зикр аст, ки тохтутозҳои мамлакатҳои бегона дар ҳудуди нимҷазираи Апенин ҳанӯз аз ибтидои асри XVI оғоз гардида то соли то соли 1559 ба дараҷаи баланди худ расид ва аз манфиятҷӯиву ҷанги онҳо ҳамоно аҳолии маҳаллӣ талаф меёфт.

Солҳои 1504 – 1513 дар ҳаёти сиёсии Италия ҷумҳурии Венетсия роли муайянро ишғол мекардагӣ шуд, ки боиси хавфи пешрафти мулкҳои папаи Рим гардид. Соли 1504 бошад Папаи Рим Юлий II коалитсияи зидди Венетсияро ташкил намуда соли 1508 он номи Лигаи Кмбрейро гирифт (баъдтар номи Лигаи муқаддасро соҳиб гардид) ба он давлатҳои Фаронса ва Испания низ дохил гардиданд. Моҳи майи соли 1509 байни қӯшуни ин Лига ва ҷумҳурии Винетсия дар назди Аняделло муҳорибаи вазнин ба амал омада Венетсия шикаст хӯрд ва маҷбур гардид, ки ба фаодаи папа ва Испания аз ҳудудҳои ишғолкардаи худ дар Романия ва Италияи ҷануби даст кашад. Дере нагузашта папаи Рим бар хилофи иттифоқчиёнаш бо Винетсия шартномаи зидди Фаронсаро имзо намуда соли 1511 бо шиори «Пеш кардани варварҳо» қисме аз шаҳрҳои Италияи шимолиро забт намуда ба Лигаи муқаддас ҳамроҳ намуд. Соли 1512 бошад байни қӯшунҳои Лигаи муқаддас ва Фаронса дар наздикии Равенно муҳориба сарзада бо ғолибияти Фаронса анҷом ёфт. Аммо император корро пурра анҷом дода натавонист. Аз шикасти онҳо дере нагузашта ба Лигаи мазкур собиқ иттифоқчии ӯ императори Олмон Максимилан I низ дохил гардида Людовики XII-ро маҷбур сохт, ки Милан ва қасри Ломбардияро тарк намояд. То охири соли 1512 Фаронса ҳудуди Италияро тарк намуд. Соли 1513 байни Венетсия ва

Фаронса созишномаи зидди Лига имзо карда шуда сентябри соли 1515 дар муҳорибаи назди Мариняно ба ғолибияти қӯшуни муттаҳидаи Фаронса ва Венетсия анҷом пазируфт. Нимҷазираи Апеннин боз дар итоати чор ҳукумат: Фаронса ва Венетсия дар шимол, ҳукумати Папа дар марказ ваҳисмати ҷанубии он дар Испания қарор гирифт.

Баҳори соли 1521 императори нави Фаронса Франсиско I походҳои ҳарбии худро бар зидди императори Олмон Карл V оғоз намуд. Моҳи феврали соли 1525 дар наздикии Павии муҳорибаи вазнинтарин байни ин қушунҳо оғоз гардида дар натиҷаи ҷангҳои пайдарпай қӯшуни Франсиско торумор ва худи ӯ асир афтид. Фаронса эътиборашро дар ин минтақа аз даст дода Испания баръакс мустаҳкам мегашт. Бояд қайд намуд, ки ҳанӯз соли 1519 шоҳи Испания Карли I императори Олмон интихоб гардида номи Карли V- ро соҳиб гардид ва маҳз аз ҳамин давра бар зидди Фаронса муқобилияти якҷояашро оғоз намуданд.

Соли 1526 байни Папаи Рим КлиментиVI, Флоренсия,Милан, Венетсия ва короли Фаронса Франсиско I Лигаи Конякси таъсис дода шуд, ки масъалаи асосии он муқобилият бар зидди император КарлиV ба ҳисоб ммерафт. Аммо аз сабаби гуногунфаҳмӣ ва мухолифати байни аъзоёни он Лигаи мазкур фаъолияташро пеш бурда наметавонист. Аз ин нокомиҳои онҳо истифода намуда 6-уми майи соли 1527 қӯшуни король Карли V ба Италия ҳуҷум намуда Римро ба даст оварда ба хок яксон намуд, ҳатто Папаи Рим Клименти VIII–ро маҷбур сохт, ки бо ӯ созишнома имзо намояд. Пас аз забти Италия ва қатлу ғорати омма аз ҷониби қӯшуни короли нав дар мамлакат вазъи вазнини иқтисодӣ фаро расида дар минтақа гуруснагии омма ба амал омад. Ин вазъият ҳукумати Фаронсаро ба ташвиш оварда соли 1528 юришҳои худро бар зидди ӯ оғоз карда нисфи шоҳигарии Неополитенро ба даст овард. Аммо аз сабаби сар задании бемории сироятии вабо Фаронса маҷбур гардид, ки бо Испания созишнома имзо намояд. Моҳи августи соли 1529 дар Камбре байни ҳукумати Испания ва Фаронса созишнома имзо гардид, ки асос ба фоидаи габсбургҳои Испания равона карда шуд. Мувофиқи ин созишнома соли 1530 король Карл V унвони короли Италияро соҳиб гардида Фаронсаро

аз ҳудуди мамлакат берун намуд. Аммо ба ин созишнома нигоҳ накарда дар муддати сӣ соли баъди созишнома Италия маркази асосии муқовимати ҳукумати Испания ва Фаронса ба ҳисоб мерафт. Соли 1559 дар Като–Камбрези байни онҳо шартномаи нав имзо гардид. Мувофиқи он қисми ҷанубии Италия ва Ситсилия ба ҳайати Испания дохил карда шудаанд.

Ҳамин тавр дар нимаи дуюми асри XVI баъди имзои созишномаи Като–Камберзи Италия ба мустамликаи габсбургҳои Испания табдил ёфта бойгарии он ба фоидаи ҳокимони испонӣ истифода мешуд. Қобили зикр аст, ки но вобаста аз он, ки Италия мустамликаи Испания қарор дода шуда бошад ҳам идоракунии онро дастнишондоди хонадони габсбургҳо аз худи аҳолии маҳалӣ ба ҷо меоварданд.

### Ҳайёти иқтисодӣ ва иҷтимоӣ

Дар натиҷаи ҷангҳои дуру дарози мамлакатҳои бузурги он давраи Европаи ғарбӣ: Фаронса, Испания ва Олмон вазъияти иқтисодӣ ва иҷтимоии мамлакат то андозае бад гардид. Пас аз забти нимҷазираи Апеннин тамоми боигарӣ ва даромади он ба фоидаи мустамликадорони испонӣ истифода мегардид. Хонадони габсбургҳо тамоми соҳаҳои мамлакатро дар дасти худ нигоҳ дошта ба фоидаи хеш истифода мекарданд, ки боиси норозигии тамоми табақаҳои ҷамъият аз ҷумла тоҷирон ва сармоядорон гардид. Дар аҳди ҳукмронии Филипи II тамоми тартиботи тиҷоратии Италия дар зери итоати ҳукумати Испания қарор гирифт. Дар мамлакат қонунҳои нав ҷорӣ гардида барои тоҷирон баровардани нон ба бозорҳои беруна барҳам дода шуд ва дар ҳолати вайрон намудани ин тартибот аз ҷониби касе, ӯро ҳукми қатл медоданд, Мувофиқи тартиботи онҳо тоҷирони ин минтақа ҳуқуқи ба ҷои дигар ҳиҷрат карданро надоштанд ва бар замми ҳамаи ин бедодгариҳо аз аҳолӣ андозҳои гуногун ситонида мешуданд. Натиҷаи бедодгариҳои испониён дар мамлакат ба он оварда расонд, ки аксар тоҷирон фаъолияти кориашро қатъ намуда шаҳрро тарк мекарданд. Дар натиҷаи ҳиҷрати аҳолӣ шаҳрҳо ба харобазор табдил меёфтанд. Агар соли 1580 дар як худи Милан 70 корхонаи моҳутбофӣ вуҷуд дошта бошад, пас соли 1616 шумораи онҳо ба 15 адад расид. Соли 1611 дар шаҳри Кремон 1300 корхона моҳутбофӣ фаъолият

мекард ва соли 1648 теъдоди онҳо ба 44 то расид. Дар натиҷаи тарки ҷойи кор ва муҳоҷрати аҳолӣ ба маҳалҳои дигар соли 1584 шумораи аҳолии ин диёр аз 46 ҳаз. ба 13 ҳаз паст фаромад[2].

Дар оҳири асри XV бошад дар Европа воқеаи нав- роҳи тиҷорати баҳрӣ кашф гардида Италияро тарақияти иктисодӣ дар канор гузошт. Баъди забти Константинопол аз ҷониби туркҳо истифодаи роҳи баҳрӣ барои тоҷирони Италия барҳам дода шуд. Барқарор гардидани роҳи тиҷоратии баҳрӣ бо мамлакатҳои Амрико ва Ҳиндустон вазъияти тиҷоратии мамлакатро боз ҳам вазнинтар намуд. Вазъи вазнини тиҷорати минбаъдаи Италияро К.Маркс дар асараш «Капитал» чунин арзёбӣ мекунад. «Вазъи тиҷорати ин мамлакат дар натиҷаи тохтутозҳои турку муғул рӯ ба таназзул ниҳод, аммо инкишофи кашфиёти географӣ (с.1492) ин масъаларо ба нестшавӣ оварда расонид »[3]. Дар натиҷаи барқарор гардидани роҳи бузурги баҳрӣ махсусан шоҳигариҳои Винетсия зарари калон медид. Ин вазиятро яке аз тоҷири намоёни Венетсия Ҷиралмо Приули дар хотираҳояш чунин дарҷ мекунад. Барқарор намудани роҳи тиҷоратии баҳрӣ аз ҷониби Васко да Гама ба ҳудудҳои Ҳиндустон ва Африка дар мамлакат чун фалокати калон ба ҳисоб мерафт ва сенаторони Венетсия онро дар баробарии аз даст додани истиқлолияти хеш хавфи калон меҳисобиданд[4].

Аз нимаи авали асри XVII истеҳсолоти хоҷагии қишлоқ низ рӯ ба таназзул мениҳод. Заминҳои кишт ба ботлоқзорҳо ва мамнӯгоҳҳои шикорӣ табдил ёфтаанд. Сабаби асосии ин нокомиҳо дар хоҷаги мавҷудияти боқимондаи сохти кӯҳнаи феодали мебошад. Аз тарафи дигар ин ба тоҷирони ба ин ҳудуд омада ҳам вобаста аст. Онҳо дар ин ҳудуд замини муайян ба даст оварда фаъолияти деҳқононро танг намуда побанди худ сохтанд ва аз ҳисоби фаъолияти кори онҳо ғанимат ҷам мекарданд. Дар баъзе

ҳудудҳои Италия шакли иҷорадиҳии замин низ вусъат меёфт, ки шакли намоёнтарини онҳо иҷорадиҳии шарики ва номуаянии ду қисми ба ҳисоб мерафт. Феодалони калон ки замини васеъро дар дасти худ нигоҳ медоштанд ва аз тарзи иҷорадиҳии ба деҳқонон ва истифодаи осони қувваи кори омма дар он зиндагӣ мекарданд, бо роҳҳои гуногун халқро ҳарчи бисёртар ғорат намуда, андазҳои нав ба навро ҷорӣ месохтанд. Мувофиқи шартҳои иҷора иҷорагир тамоми хароҷоти заминро ба зима гирифта онро бояд ба дараҷаи баланд инкишоф медод. Барои коркарди он аз ҳисоби хоҷа (феодалеки замин ба ӯ тааллуқ дорад) лавозимоти кориро иҷора гирифт онро низ бояд пардохт мекарданд. Дар мамлакат андозҳои гуногун ҷорӣ гардонидаанд,ва халқ аз уҳдаи пардохти онҳо набаромада побанди замин мегашт. Аз ҷониби дигар бошад дар вақти ҷангҳои дохилӣ ва хориҷӣ таминоти қӯшун низ ба гардани аҳолии маҳалӣ бор карда мешуд, ки ин вазъияти бади оммаи халқ боз ҳам бадтар мегардид.

Взъияти вазнини зиндагии оммаи халқи Италияро К. Маркс чунин ба қалам медиҳад: «Баъди он,ки дар Италияи асри XV инқилоби бозори тамоми соҳаи тиҷоратиро барҳам дода буд, аҳолӣ шаҳрро тарк намуда дар қишлоқҷойҳо ба заминкорӣ ва боғпарварӣ машғул гардиданд»[5].

**Илм ва маданияти Италия дар асрҳои XVI ва XVII**

Дар соҳаи инкишофи илм ва маданият бошад Италия дар дараҷаи эҳё қарор мегирифт. Дар ин давра ба дараҷаи пасти инқишофи иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва сиёсии мамлакат нигоҳ накарда олимони нав ба нав дар соҳаи илм пайдо шуда эҷод мекарданд, ки бо номи «Эҳёи олӣ» гардида эҷодиёти зиёди олимонро дар бар мегирад. Дар замоне ки мамлакат дар ҳалқаи тохтутозҳои аҷнабиён қарор гирифта буд, маданияти он рӯ ба инкишоф мениҳод ва одамони намоён ба монанди Да Винчи, Миколанҷело, Рафаэл,Титсиан ва ғайраҳо фаъолияти мадании худро давом медоданд, ки намоёнтарини онҳо Леонардо да Винчи (1452–1519) мебошад. Ӯ қайд мекунад, ки шуури инсонӣ басо бузург буда барояш тамоми принсипҳои дар

табиат мавҷуд буда имконпазиранд ва роҳи асоси барои омузиши ин принсипҳо дар омӯзиши математика маҳфуз мебошад.

Леонардо Фарзанди ғайри никоҳии яке аз шахсони қудратманди ондавраи Италия мебошад. Номи аслии ӯ Леонардо буда Да Винчи тахаллуси ӯст. Дар сини 14 солагӣ дар назди миниётурнигори машҳур Верроко ба таҳсил фаро гирифта шуда соли 1476 баъди хатми он ба фаъолияти мустақилонаи рассомӣ оғоз кард. Соли 1481 бо фармоиши роҳибони манастири Сан –Донато барои офаридани лавҳаи калон дар масъалаи «итоат ба ҷодугарон» оғоз намуд. Соли 1499 Фаронса Миланро забт намуда Да Винчи ба Венетсия ҳиҷрат намуд ва пас аз 18 соли ҳиҷрати худ боз ба зодгоҳаш баргашта дар дарбори Чезар Борҷа ба кори худ оғоз мекунад.

Мавриди зикр аст, ки Леонардо Да Винч дар баробари рассоми  машҳур буданаш, ҳатто яке аз математик, механик ва муҳандиси барҷастаи замони худ буда бисёр кашфиётҳои физикӣ ба фаъолияти ӯ вобастагӣ доранд[6].  Маҳз аз ҷониби ӯ барои иҷрои кори математики бузурги он давра Лукой  лавҳаи бузург  дар бораи «таносуби илоҳӣ» офарида шуда буд.

Дар асри XV ум дар тамоми Европа кашфиётҳои географӣ бо суръат авҷ гирифтанд. Дар натиҷа дар омӯзиши илм роли намоёнро илмҳои табии махсусан математика ва механика мебозидагӣ шудаанд. Дар асоси онҳо илмҳои дигар ба монанди тиб ва астрономия низ инкишоф меёфтанд, ки аз байни онҳо олимони машҳури тиб ба монанди Ҷиралмо Кардано ва Ҷиралмо Фракастроро номбар кардан зарур аст.

Намояндаи машҳуртарини соҳаи илми табиии асрҳои XVI  ва  XVII Италия  Галилео Галилей (1564–1642) ба ҳисоб меравад, ки бисёр тадқиқотҳои соҳаи физика ва астраномия ба ӯ тааллуқ доранд.  Ӯ пас аз хатми мактаби олӣ дар донишгоҳҳои Пиза ва Падуи ба дарсгӯи машғул гардида ҳамзамон ҳалқаи Зуҳал, мавҷудияти кӯҳ дар моҳ ва доғҳоро дар офтоб кашф намуда буд. Дар тадқиқи масъалаҳои  илмии худ Галилео

бештар ба ақидаҳои Каперник такя намуда бар зидди ақидаҳои пучи динии он давра баромад намуда тамоми кашфиётҳои илмии худро дар мухолифат бо дин тадқиқ мекард. Натиҷаи тамоми кашфиётҳои худро Галилео Галилей дар асарҳояш «Ахборномаи ситораҳо», «Баҳс байни ду системаи ҷаҳонӣ Птоломейӣ ва Каперникӣ», ки соли 1632 нашр гардида буд, гирд овардааст. Соли 1633 бошад Галилео ҳамчун тарафдори ақидаи Коперники дастгир карда шуда, соли 1642 бо ҳукми суд дар гулхан сӯзонида шуд.

Дар соҳаи адабиёт низ дар замони эҳё дар Италия олимони нав ба монанди Санадзаро, Каспилон Ариосто, Бембо, Людовик Ариосто ва ғайраҳо баромад намуда, дар эҷодиёти хеш бештар озодӣ ва адолатро ситоиш мекарданд. Дар ин давра дар мамлакат инкишофи маданият рӯ ба таназул ниҳода, соҳаи илм характери идоравиро соҳиб мегардид. Аммо ба ин нигоҳ накарда масъалаи инсондустӣ дар байни халқ инкишоф меёфт ва асарҳои нав дар ин ҷода баровarда шудаанд.

Яке аз олимони соҳаи адабиётшиносии эҳёи баъдинаи Италия Матео Банделло (1485–1563) мебошад, ки бо асари офаридаи хеш «Рамео ва Ҷулетта» машҳури ҷаҳон гардид. Инчунин дар байни адабиётшиносони он давра Торкабо Тассо (1544–1595) –ро номбар кардан зарур аст. Аз офаридаҳои ӯ китоби «Озодкунии Ерусалим», ки соли 1580 аз ҷониби эшон офарида шудааст, боқӣ мондааст. Дар баробари ин зумра олимон дар эҷодиёти Италияи замони эҳё инчунин олимони дигар ба монанди Бенвенуто Челлини, Петро Помпонотси, Ҷордано Кордано (1501–1576), номбар кардан аз манфиат холӣ нахоҳад буд.

**Ассистенти кафедраи таърихи умумии ДДХ**

**Мамадсалимов Насим**